## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул
ба рисолаи илмии унвонҷӯ Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи
«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»

Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна соли 2001 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, соҳиби касби «Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик» гардидааст. Номбурда соли 2019 ба сифати унвонҷӯ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул гардида, айни замон дар вазифаи муовини раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон фаъолият дорад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия Р. М. Мустаҷобова худро ба сифати унвонҷӯи кӯшо, ҷӯянда, уҳдабаро ва огоҳ аз масъалаҳои назарии адабиётшиносии тоҷик, равишҳои таҳқиқии роиҷ дар адабпажӯҳии муосир, таърих ва назарияи адабиёт, бадеиёти каломи адабӣ муаррифӣ карда тавонист. Бо боварӣ метавон гуфт, ки вай ба дараҷаи мутахассиси соҳаи адабпажӯҳӣ таҷриба андӯхта, ҳамчун муҳаққиқ мустақилона аз уҳдаи анҷоми кори илмӣ-таҳқиқотӣ баромада метавонад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии Р. М. Мустаҷобова таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло мебошад, ки бо мақсади ошкор кардани муҳимтарин вижагиҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло, ибтикороти шоир дар сурудани ашъори ватандӯстона, мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи шоир ва омӯзиши вижагиҳои ашъори ватандӯстонаи шоир аз назари забон, тарзи баён, ибдооти шоирона ва истифодаи санъатҳои бадеӣ сурат гирифтааст. Дар рисола хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло бо истифода аз усули китобхонаӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва таҳлилӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия асосноку мудаллал буда, саҳеҳияти асосҳои назарии дар рисола пешниҳодшударо таъйид мекунад. Унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсияаш панҷ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп кардааст, ки шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳаҷми умумии корҳои чопшудаи унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия беш аз як ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Навоварии таҳқиқоти Р. М. Мустаҷобова дар он зоҳир мешавад, ки дар рисолаи ӯ нахустин маротиба дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаи хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ба таври монографӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои баррасишаванда дар такя ба дастовардҳои навини назарию амалии шинохт ва таҳлили каломи ҳунарӣ, ки дар асарҳои илмӣ-назарии мавҷуд дар ҳавзаҳои адабпажӯҳии кишварҳои шарқию ғарбӣ ба мушоҳида мерасад, мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳҳои бадастома ва маводи таҳқиқ ҷанбаҳои назарии омӯзиши мавзӯи мавриди назарро, ки ҳам дар адабиёти гузашта ва ҳам муосири тоҷик паҳнои васеи ифода дорад, тақвият бахшида, паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро такмил намуда, дар таъйини вижагиҳои ашъори ватандӯстонаи адибони ҷудогона аз нигоҳи хусусиятҳои мавзӯӣ, мухтассоти ҳунарӣ ва ибдоъу ибтикорот мусоидат карда метавонад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқро амалан метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба мабоҳиси дар диссертатсия матраҳ гардида, ки дар таҳқиқоти ҳамгун пеш омаданаш мумкин аст, дар мавриди таҳқиқи дигар паҳлӯҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Камол Насрулло, таълими фанҳои тахассусии адабиётшиносӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти муосири тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

Ҳамин тавр, рисолаи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевнаро кори илмии ба итмомрасидаи дорои аҳамияти назарию амалие меҳисобам, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоям.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Мисбоҳиддини Нарзиқул

Имзои М. Нарзиқулро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

«29» апрели соли 2020